**Паёми иди Фасҳи**
**Патриархи Маскав ва тамоми Рус КИРИЛЛ**
**ба кашишҳои олимартаба, кашишҳо, диаконҳо, роҳибон**
**ва тамоми фарзандони боимони**
**Калисои Православии Рус**

*Муборак аст Худо ва Падари*
*Худованди мо Исои Масеҳ,*
*ки бо марҳамати бузурги Худ, ба василаи*
*эҳёи Исои Масеҳ аз мурдагон моро ба вуҷуд овард.*
(Пет, 1, 3)

**Ҳазратони кашишҳои олимартаба, падарони парҳезгор,**
**роҳибон ва роҳибаҳои порсо, бародарон ва хоҳарони арҷманд!**

Дар ин рӯзи мафтункунанда ва мутантан, ки лабрези шодкомии хосса аз бархостани Худованд Исо аз тобут аст, якояки шуморо бо иди бузург ва наҷотбахши Фасҳ самимона табрик гуфта, ба шумо дуруди куҳани некбинонаро арз менамоям:

**МАСЕҲ ЭҲЁ ШУД!**

Ҳоло тамомияти Калисои Воҳид, Муқаддас, Ҷомеъ ва Ҳаворӣ *бо суруду таронаҳои динӣ* эҳёи Писари Парвардигор ва Писари Худованди Инсонӣ Исои Масеҳи мо аз мурдагонро маддоҳӣ мекунад, ки ҳукмронии маргро аз байн бурдаву дари Шоҳигарии Безаволи Худро бароямон боз кардаст. Воқеан имрӯз *ҳама саршори нур гаштааст: ҳам осмон, ҳам замин, ҳам ҷаҳаннам; тамоми махлуқот бархостани Масеҳро, ки дар Ӯ он тасдиқ мегардад, ҷашн мегирад* (Муноҷоти Фасҳи Қудсӣ).

Мисли занон-ҳанутбарони инҷилӣ ва дигар шогирдони Наҷотбахш, ки нахустин гувоҳони эҳё шуданд, мо вазифадорем, ки ин шодмонии бузургро ба одамон – барои ононе ки наздику гиромианд, ононе ки дар атрофамон ҳастанд, барои ононе ки мешиносем, расонем. Мо ба онон мегӯем: Масеҳ эҳё шуд! Ва мисли он замон, садҳо сол пеш, бархе аз онон бовар карда мегӯянд: воқеан эҳё шуд! Дигарон, мисли ҳаворӣ Тумо, шак мекунанд ва мегӯянд: то замоне, ки Ӯро худам набинам, то замоне, ки ба Ӯ даст нарасонам, бовар намекунам (Юҳ. 20, 25). Баъзе дигарон ин хабарро батамом рад мекунанд.

Имон ба эҳёи Худованд Исо он асоси қавӣ, он рукни устуворест, ки масеҳият бар он бунёд ёфтааст. *“Агар Исо мурда, пас эҳё намегардид,* - мегӯяд Иоанн Златоуст, - *онгоҳ гуноҳ ҳам нобуд карда намешуд, марг ҳам мағлуб намегардид, < ... > ва натанҳо мо беҳуда ваъз мегуфтем, балки шумо ҳам беҳуда имон меовардед* (Суҳбати 39 доир ба Номаи якум ба Қӯринтиён).

Бо корнамоии омурзандаи Худ Наҷотбахш Самовотию заминӣ, Абадияту муваққат, Холиқу махлуқ, Худованд ва инсонро ба ҳам васл намуд. Ӯ он вартаеро сипарӣ кард, ки дар оғози таърих инсонҳои нахустро аз Офаридгори

онҳо ҷудо карда буд. Ба василаи шикастани аҳкоми барояшон атошуда, ба василаи итоат накарданашон ба Холиқ дар олам гуноҳ ва марг ҳукмрон гаштанд. *Ҳамин ки,* ба гуфтаи ҳаворӣ Павлус, *пуррагии замон даррасид, Худо Писари Худро фиристод, то ки мо ба писарӣ қабул шавем* (Ғал. 4, 4-5).

Масеҳ, *ҳамчун барраи беайб ва пок, гуноҳи ҷаҳонро мебардорад* (1 Пет. 1, 19; Юҳ. 1, 29). Ба Падари Самовотиаш *ҳатто то вақти мамот, то дами мавти салиб фармонбардор буд* (Флп. 2, 8), Ӯ инсониятро ба пеши Офаридгораҳ мерасонад, онро бо Вай оштӣ медиҳад. Ӯ, ки табиатан Писари Худованд буд, моро бо хайру баракат фарзандони Худованд мегардонад. Парвардигор бароямон роҳи тағйири ахлоқӣ ва сууди маънавиро ба ҳаёти абадӣ ва пурсаодат бо Худованд *дар рӯзҳои бешоми Шоҳигарии Ӯ* (Муноҷоти Фасҳи Қудсӣ) боз намуд.

Моро аз бандагии гуноҳ озод карда, ҳокимияти *фармонфармоёни ин олами зулмот – қувваҳои рӯҳии шароратро, ки дар афлок аст* (Эф. 6, 12), вожгун сохта, Худованд ба само меравад, ки онҷо бар шуҳрати фатҳнопазири тарафи дасти рости Падари абадӣ менишинад. Ҳамзамон Ӯ моро инҷо, дар рӯйи замин, тарк намекунад ва ҳамеша бо шогирдони Худ аст, ки бо ҳам Бадани Ӯ – Калисои Воҳид, Муқаддас, Ҷомеъ ва Ҳавориро ташкил медиҳанд. Масеҳ, Сарвари он, ин киштии наҷотро аз миёни обҳои хурӯшони баҳри зиндагӣ ба бандари ороми самовотӣ мебарад, ки онҷо *Худо кулл дар кулл мебошад* (1 Қӯр. 15, 28).

Мо, масеҳиён, Калисои Муқаддасро ташкил дода, идомадиҳандаи рисолати шарифи Ӯ дар олам мебошем. Мисли ҳазорон ҳазор бародарону хоҳарони пешини ҳамдини худ – ҳавориён, занони ҳанутбар, азияткашидагон, ҳазратон, қудсиён ва порсоён, мо вазифадор шудаем *исми Худовандро бихонем, Ӯро дар миёни қавмҳо шуҳрат диҳем* (1 Вақ. 16, 8). Мо вазифадорем, дар бораи Писари Худованд ва Писари Инсон вазъ гӯем, ки аз рӯйи муҳаббати тасвирнашавандааш ба мо бароямон дар рӯйи Салиб Хуни поки Худро рехтааст. Мо вазифадорем, ки ҳам бо сухан, ҳам бо корҳоямон, бо тамоми умри худ ба мардум дар бораи Касе гувоҳӣ диҳем, ки *аз барои гуноҳҳои мо афсурдахотир шуд* (Иш. 53,5) ва *аз барои сафед кардани мо эҳё гардид* (Рум. 4, 25).

Бародарон ва хоҳарони гиромӣ! Мехостам бори дигар аз самими қалб шуморо бо фарорасии *иди идҳо ва тантанаи тантанаҳо – бо Фасҳи Худованди наҷотбахш* (Муноҷоти Фасҳи Қудсӣ) табрик гӯям. Чуноне ки ҳавории муқаддас Юҳанно ба мо васият кардааст, *якдигарро дӯст бидорем, чунки муҳаббат аз Худост, ки моро дӯст дошт ва Писари ягонаи Худро барои кафорати гуноҳҳои мо фиристод. Агар Худо моро ин гуна дӯст дошта бошад, мо низ бояд якдигарро дӯст бидорем* (1 Юҳ. 4, 7-11). Бигзор ин суханони мафтункунанда ҳамеша роҳнамои мо дар тамоми роҳҳои зиндагӣ бошанд, бигзор онҳо моро барои анҷоми корҳои нек, баҳри хидмат ба ашхоси наздику дур илҳом бахшанд. Омин!

**Имрӯз, ки онро Худованд офаридааст, аз он шодмонию хушнудӣ кунем, зеро**

**БАРҲАҚ ЭҲЁ ШУД МАСЕҲ!**

**ПАТРИАРХИ МАСКАВ ВА ТАМОМИ РУС**

Фасҳи Масеҳ,
соли 2019